# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик . – Душанбе, 2023. – 24 саҳ.**

Оғози тарҷумаҳои осори ҳиндиро дар адабиёти форсӣ бештари муҳаққиқон аз баргардони “Калила ва Димна”, ки дар замони Хусрави Парвизи Анӯшервон (590 – 628) сурат гирифта буд ва баъдан ба забонҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума шудааст, медонанд. Таҳриру такмилҳои зиёде, ки аз ин асар ба вуҷуд омадааст, ҳама аз варианти паҳлавии он маншаъ мегиранд, ки дар таърихи адабиёти мо бар касе пӯшида нест. Сарнавишту саргузашти асарҳои аз забони ҳиндӣ ба тоҷикӣ баргардоншуда, ба мисли “Калила ва Димна”, “Синбоднома” ва “Тӯтинома”, ки таҳриру тасҳеҳоти мухталифи онҳо мавҷуд буда, дар таҳқиқоти донишмандони ҷаҳон аз онҳо зиёд ёдоварӣ гардидааст, ба забонҳои гуногуни олам маҳз аз забони форсии тоҷикӣ баргардон шуда, шуҳрати ин ёдгорҳои адабию ахлоқиро таъмин намудаанд. Дар ҷаҳонишавии осори мазкур нақшу саҳми адибони гузаштаи мо хеле назаррас буда, таҳқиқу баррасии ин ҳодисаи адабӣ ва дигар падидаҳои марбут ба тарҷумаи осори бадеӣ дар таърихи адабиёти мо дорои аҳаммияту арзиши адабӣ ва илмӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар мавзуи “Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он” навиштани рисолаи илмӣ аз сӯйи унвонҷӯ Манонзода Абубакр Манонро метавон қадами ҷиддӣ ва тозае дар таҳқиқи ҷанбаи дигари тарҷумаи асарҳои ҳиндӣ ба форсии тоҷикӣ унвон кард.

Аз муҳтавои фишурдаи диссертатсия бармеояд, ки он аз муқаддима, се боб, чаҳордаҳ фаслу зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва як замима иборат буда, дар муқаддима аз аҳаммияти мавзуи таҳқиқ, ҳадафҳои таҳқиқи мавзуъ, пешинаи омӯзиши масъала, робитаи мавзуи таҳқиқ бо барномаҳо ва лоиҳаҳои илмӣ ва бахши тавсифи умумии таҳқиқ мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати мавзуъ бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиби натиҷаҳои амалии таҳқиқ, нашри таълифоти илмии муаллиф дар мавзуи таҳқиқ ва сохтори он маълумот

дода шудааст, ки ҳамагӣ мутобиқи муқаррароти расмии таълифи диссертатсия мебошанд.

Боби нахустин ба таърихи робитаҳои адабӣ ва пайвандҳои адабии эрониён бо ҳиндувон бахшида шуда, як фасли муҳим ба сайри таърихии "Калила ва Димна" дар адаби форсии тоҷикӣ ихтисос дода шудааст, ки дар он муаллиф бо такя бар манобеи адабию таърихӣ аз густариши муҳтавоии таҳрирҳои гуногуни ин асари ҷовиди адабиёти форсии тоҷикӣ сухан ба миён оварда, нақши муаллифони таҳрирҳои тоҷикиро, ки бештари онҳо дар сарзамини Ҳинд ба вуҷуд омадаанд, нишон додааст.

Боби дуюм ба баррасии "Рамаяна" нақшу нуфузи он дар адабиёт ва зиндагии мардумони Ҳинд ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он марбут мебошад, ки фарогири масъалаҳои ривоҷи тарҷумаи осори ҳиндӣ ба форсӣ дар замони ҳукуматҳои эронии Ҳинд, муаррифӣ ва таҳлилу баррасии муҳтавои достони "Рамаяна" ва таъсиру нуфузи он ба адабиёту фолклори ҳиндувон, тарҷумаҳои форсии ин достон дар шаклу анвои адабии гуногун ва каммиву кайфияти онҳо ва дар ду фасли ниҳоии ин боб аз тарҷумаи манзуми ин достон дар қолаби маснавӣ аз тарафи Шайх Масеҳои Понипатӣ, таркибу сохтори он сухан меравад, ки бар асоси сарчашмаҳои дастраси муаллифи рисола ва матни ин достон пажуҳиш шудааст.

Боби сеюми таҳқиқот доир ба махсусиятҳои адабию ҳунарии маснавии "Ром ва Сито"-и Масеҳо, ки дар асоси матни санскритӣ ё ҳиндии "Рамаяна" эҷод шудааст, баҳс менамояд. Дар фаслҳои панҷгонаи ин боб муаллиф аз вижагиҳои вазнӣ, истифодаи босамар аз анвои мухталифи қофия, радиф, санъатҳои бадеӣ, зебоиҳои забонӣ ва баёнии достон сухан ронда, ҳунари шоирии Масеҳоро дар эҷоди ин асари аз нигоҳи мазмуну муҳтаво дар адаби форсии тоҷикӣ нав ва тоза нишон додааст, ки аз муваффақиятҳои кор мебояд донист. Дар қисмати хулоса ҳам муаллиф натиҷаҳои бадастовардаи хешро аз таҳқиқи мавзуъ дар 22 банд пешниҳод кардааст, ки як навъ ҷамъбасти таҳқиқ мебошанд.

Дар автореферат дар баробари муваффақиятҳо нуқсонҳое мавҷуданд, ки ислоҳи онҳо муҷиби афзудани ҳусни он мегарданд:

1. Дар саҳифаи 12 автореферат аз тарҷумаҳои "Рамаяна" ба забони тамилӣ ба қалами Кампан, ба забони банголӣ тавассути Картибос ва ба забони ҳиндӣ аз тарафи Тулсидос ба номи "Ром Чутармани" сухан рафтааст, вале дар бораи ин тарҷумаҳо ба ҷуз ҳамин ҷумла маълумоти дигаре дода нашудааст.

2. Ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ ҳам дар матни фишурда ба назар мерасанд, мисли дисертатсия бо як "с" (саҳ. 6, 9 дар се ҷо,19...).

Нуқсонҳои ёдшуда арзиши илмии рисоларо накоста, ислоҳпазир мебошанд.

Диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи "Достони "Рамаяна" ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он" ҳамон гуна, ки аз фишурдаи он бармеояд, таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба меъёрҳои талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01. - Адабиёти тоҷик сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Тағаймуродов Рустам Ҳакимович**

**Тел: (+992) 904 10 55 22; E-mail: ahmadovsafar74@mail.ru**

**Номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори**
**кафедраи адабиёти тоҷик** **Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна**

**Тел: (+992) 918 75 20 27.**

**Имзоҳои Р.Тағаймуродов ва М. Маҳмадалиеваро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷамшед Абдуалим**

**Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53. E-mail: bgu78@mail.ru**

"5" "09" соли 2023